# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Махсумзода Нигина Давлат дар мавзуи «Саҳми Абубакри Розӣ дар инкишофи илмҳои табииётшиносӣ ва риёзӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.7. – Таърихи илм (таърих)**

Бояд гуфт, ки дар таърихи илму техникаи ҷаҳонӣ саҳми донишмандони асримиёнагии форс-тоҷик ба дараҷаи бояд омӯхта нашудааст. Ниёгони тоҷикон чӣ тавре, ки дар соҳаҳои адабиёт, таърих ва фалсафа саҳми бузург доранд, дар соҳаҳои илмҳои табииётшиносӣ (физика, химия, биология ва ғ.), риёзӣ (математика, геометрия, тригонометрия), табақоту-л-арз (геология), техника, тиб, дорушиносӣ низ саҳми босазо доранд, ки мутаассифона то ҳанӯз мавриди таҳлилу таҳқиқи амиқу густурда қарор нагирифтааст.

Диссертатсияи Махсумзода Н.Д. ба яке аз масъалаҳои мубрами таърихи илм дар мисоли фаъолияти илмии Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ бахшида шудааст. Абубакри Розӣ аз зумраи он донишмандони энсиклопедисти асримиёнагии форс-тоҷик маҳсуб мегардад, ки ҳанӯз дар замони худаш шуҳрати ҷаҳонӣ касб карда, дар аксари соҳаҳои илмҳои ақливу нақлии замонааш нақши муасир гузоштааст.

Мазмуну мундариҷаи диссертатсияи Махсумзода Н.Д. иборат аз омӯзишу пажӯҳиш ва таҳлилу татбиқ осори илмии Абубакр Муҳаммад ибни Яҳё ибни Закариёи Розӣ (865-925) ба шумор меравад, ки ӯ мустақилона ва муҳаққиқона аз уҳдаи ин кор баромадааст.

Омӯзиши кору пайкор, осору аҳвол ва зиндагиномаи донишмандони ҷаҳоншумули асримиёнагии тоҷик баёнгари он аст, ки дар тули асрҳои зиёд осору афкори ғании онҳо такомулбахши илму фарҳанги ҷаҳонӣ буда, дар ганҷинаи тамаддуни инсоният бо ҳарфҳои заррин абадӣ нақш бастаанд.

Диққати асосӣ дар диссертатсия ба саҳми Абубакри Розӣ дар ташаккул ва инкишофи инкишофи илмҳои табииётшиносии замонааш бахшида шудааст.

Муаллиф диссертатсияи худро дар ҳаҷми се бобу шаш зербоб таҳлилу таҳқиқ намуда, дар муқаддимаи он интихоби мавзӯъ, аҳамияти дараҷаи омӯзиш, вазифаю ҳадаф ва инчунин таҳқиқу марҳилаҳои омӯзиши онро комилан дуруст баён кардааст.

Муаллиф дар боби якуми рисолааш «Вазъи илму фарҳанг дар Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои IX-X», ки аз ду параграф иборат аст, вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва ҷуғрофии Хуросону Мовароуннаҳрро дар асрҳои IX-X мухтасару мушаххас мавриди баррасӣ қарор дода, дуруст қайд кардааст, ки Мовароуннаҳру Хуросон ҳамчун ватани бумии тоҷикон дар таърихи тамаддуни башарӣ мавқеи хоса доранд. Ҳатто дар яке аз аввалин ва бузургтарин маркази илмии асримиёнагии олами ислом дар шаҳри Бағдод бо номи "Байт-ул-ҳикма" ("بيت الحكمة") – "Хонаи хирад", ки бунёнгузораш ниёгони тоҷикон буда, дар таърихи илму фарҳанги мусалмонон нақши босазое дорад, аксари донишмандоне, ки ба омӯзишу пажӯҳиши донишҳои ақлӣ сари кор доштаанд, зодагони Хуросону Мовароуннаҳр ба шумор мерафтанд. Дар ин боб муаллиф ҳамчунин муҳити илмию фарҳангии замони Абубакри Розӣ ва вазъияти илму фарҳангро дар эҷодиёти илмии ҳамасрони Абубакри Розӣ ҳадафрас нишон додааст.

Махсумзода Н.Д. дар боби дуюми рисолааш «Зиндагиву осор ва таҳқиқоти мероси илмии Абубакри Розӣ», ки низ аз ду зербоб иборат аст, марҳалаҳои таҳқиқи осори Абубакри Розӣ ва мухтасари ҳаёту фаъолияти илмии ӯро мухтасаран ва мушаххасан мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар боби дуюми диссертатсияи худ муаллиф дуруст қайд мекунад, ки муҳити ҳаёту фаъолияти Муҳаммад Закариёи Розӣ яке давраҳои бисёр мусоид барои ташаккул ва рушду нумуи илму фарҳанг ва умуман пешрафти ҳаёти моддиву маънавии ҷомеа дар таърихи тамаддуни тоҷикон ба ҳисоб меравад.

Боби сеюми диссертатсияи Максумзода Н.Д. «Саҳми Абубакри Розӣ дар рушди илмҳои табииётшиносӣ ва риёзӣ» ном дошта, дар он масъалаҳои «Раддабандии илмҳо дар таърихи илм аз замонҳои қадим то асрҳои миёна» ва «Таъсири фаъолияти илмии Абубакри Розӣ ва саҳми ӯ дар таърихи илму

техникаи ҷаҳони ислом» дақиқу нишонрас таҳлил шудааст. Бояд гуфт, муаллиф дар раддабандии илмҳо аз назари Абубакри Розӣ дар таърихи илм саҳми хоса гузошта, бархе аз онҳоро аз диди худаш бори аввал нишон додааст.

Як нуктаи ҷолиби таҳқиқоти диссертант аз он иборат аст, ки агарчанде осори кимиёӣ, тиббӣ ва фалсафии Абубакри Розӣ борҳо таъкид шудаанд, аммо ин муҳаққиқ ҷанбаҳои нави ин соҳаҳои фаъолияти ӯро нишон дода тавонистааст. Яъне Махсумзода Н.Д. ҳамчун донандаи забони арабӣ бори аввал таълифоти математикии ин донишманди энсиклопедистро мавриди баррасӣ қарор дода, дар назди муаррихони илм вазифаҳои нав гузоштааст.

Ҳамин тавр, аз таҳлили ҳар се боби диссертатсия чунин хулоса карда мешавад, ки Абубакри Розӣ, новобаста аз гирудори сиёсии замона, дар асри, ба истилоҳ, гулгулшукуфӣ ва тиллоии таърихи тамаддуни тоҷикон, тавассути осори гаронбаҳову гуногунҷабҳааш, ки то имрӯз диққати Розишиносони ҷаҳонро ба худ ҷалб кардааст ва дар таърихи тамаддуни умумибашарӣ мавқеи хоса дорад, дар ташаккулу пешрафти илмҳои табииётшиносиву риёзии замонааш саҳми босазо гузоштааст.

Воқеан дастовардҳои илмии Абубакри Розӣ дар илмҳои табииётшиносиву риёзии замонааш ва таълифоту таснифоти гаронбаҳои ӯ дар ин соҳа дар таърихи илму фарҳанги ҷаҳонӣ нақши муасир гузоштааст.

Умуман, бобҳо ва зербобҳои онҳо пурра инъикоскунандаи мазмуну мундариҷаи рисола мебошанд.

Мазмуну муҳтавои рисола бо автореферат ва фишурдаҳои он, ки ба забонҳои давлатӣ ва русӣ таълиф гардидаанд, мувофиқати комил дорад. Мақолаҳои таълифнамудаи унвонҷӯй комилан инъикоскунандаи моҳияти рисола мебошанд.

Бояд гуфт, ки диссертатсияи мазкур яке аз таҳқиқоти ҷолиб дар соҳаи таърихи илму техника (илмҳои таърих) ба шумор меравад, ки муаллифашро ҳамчун муҳаққиқи босалоҳият дар соҳаи интихобкардааш, ки соҳаи нодир ва

муҳим мебошад, муаррифӣ мекунад. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки муаллифи рисолаи мазкурро ҳамчун муҳаққиқи соҳа шинохта эътироф кардан мумкин аст ва ӯро дар оянда дар соҳаи интихобкардааш муваффақиятҳои дигар интизор хоҳад буд.

Рисолаи диссертатсионии Махсумзода Нигина Давлат дар мавзуи «Саҳми Абубакри Розӣ дар инкишофи илмҳои табииётшиносӣ ва риёзӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10.01 – таърихи илму техника (илмҳои таърих) тадқиқоти илмӣ-тахассусии анҷомёфта ҳисобида шуда, аз рӯи ҳаҷм, арзиши назарию амалӣ ва хулосаҳову натиҷагириҳояш ҷавобгӯ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва муаллифи он сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии мазкур аз рӯи ихтисоси зикршуда мебошад.

Автореферат комилан инъикоскунандаи мундариҷаи диссернтатсия мебошад.

Роҳбари илмӣ
доктори илмҳои физикаю математика
ва номзади илми таърих,
профессор Комилӣ Абдулҳай Шарифзода
03. 04. 2025

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67
ДДБ ба номи Носири Хусрав
E-mail: akomili2006@mail.ru
Тел.: (+992) 900 18 00 99

*Имзои профессор А.Ш.Комилиро тасдиқ мекунам*
*Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси*
*ДДБ ба номи Носири Хусрав* *Нажмидинов М.М.*